АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## СОЦИАЛЬНАЯ ФИЛОСОФИЯ И СОЦИОЛОГИЯ

**Мӯсо Диноршоев, Шерзод Абдуллоев**

# *ҶАҲОНШУМУЛИЯТ ВА МИЛЛИЯТ*

## *(Ё ОИД БА ТАНОСУБИ ҶАҲОНШУМЛИЯТ ВАХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ)*

Дар сайри доимии тамаддуни башарӣ давраҳое ҳастанд, ки бо таҳаввули амиқи фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ҳамроҳанд. Аз мисолҳои барҷастаи он таҳаввули фарҳангию мазҳабии садаи шашуми пеш аз мелод, гузариш аз аҳди қадим ё бостон ба асрҳои миёна ва аз асрҳои миёна ба асри ҷадид дар Аврупошуда метавонанд. Ба дунболи ҳар яке аз ин таҳаввулоту гузаришҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва алалхусус дар соҳаи фарҳанг дигаргунӣ ва рушду нумӯи бесобиқае ба вуқуъ пайвастаанд. Яке аз барҷастатарин хусусиёти ин таҳаввулот ва гузаришҳои таърихи тамаддуни башарӣ ҷаҳоншумул ё ҷаҳонгир будани онҳост. Ҳар яке аз ин давраҳо бо ҳаводиси фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсие мусодиф будаанд, ки дар як вақт дар нуқоти гуногуни ҷаҳон ба вуқӯъ пайваста, хусусияти ҷаҳонӣ доштаанд ва аз ин ё он ҷиҳат инсониятро ба ҳам пайвастанд ва наздиктар кардаанд.

Масалан, дар қарни шаши пеш аз мелод дар як вақт рушди илму фалсафа, зуҳури динҳои нав дар Чин (дини дао ва конфутси), Ҳиндустон (дини буддоия ва ҷайин), Эрон ( такомули дини зардуштия) ва Юнон (ташаккули мактабҳои фалсафаии Ион ва Милет) мушоҳида шудааст, ки аз таъсири онҳо то имрӯз инсоният бархӯрдор аст.

Вале ҳеҷ яке аз таҳаввулоти асрҳои гузашта қобили муқоиса бо он падидаҳои моҳиятан ҷаҳонгире, ки имрӯз инсоният дар муқобили он қарор гирифтааст нест. Ба назари мо чунин мерасад, ки поёни як давраи

Фарқи асосии ин раванди ҷаҳоншумулӣ чист? Ин нахустин бор дар таърихи Кураи маскунии мост, ки сокинони он ба ҳам ин чунин наздик шуда, воҳиде ба вуҷуд меоваранд, ки толеи ҳар бахше дар толеи бахши дигар муассир аст. Инсоният бештар аз гузашта ба ваҳдат рӯ меорад ва зарурати онро эҳсос мекунад ва барои амалӣ гардидани он ба ҳамдигар даст дароз мекунад. Воқеан замина барои таҳаққуқи орзую ормонҳои деринаи башарӣ, ки дар шеъри Шайх Саъдии Шерозӣ ифодаи худро ёфтааст муҳайё мешавад.

Бани Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узверо ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор,
Ту ки зи дарди дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Ин заминаи вахдат дар натичаи рушди бесобиқаи илм ва санъат ҳосил шудааст бе он, ки илм ва санъат чунин ҳадаферо таъқиб карда бошанд.

Ин падида ва раванди нави тамаддуни ҷаҳонро дар забонҳои аврупоӣ «глобализация» меноманд, ки дар фарҳанги мо низ дорад роҳ меёбад.

Пеш аз баҳс дар бораи моҳияти ин раванди тамаддун чанд сухан дар бораи муродифи ин мафҳум дар забони модариву давлатиамон таваққуф карданием, чун аз дуруст тарҷума кардани ин мафҳум фаҳмиши дурусти оммавии ин гуна падидаҳо вобастагии зиёд дорад.

Мафҳуми «глобализация» мутаассифона то ҳол муродифи тоҷикии худро наёфтааст ва аҳёнан нодуруст бо калимаи *куллигароӣ* ё бе тарҷума истифода кардаанд. Боз ҳам мегӯем, то ин ки мардум дар доираи васеъ, хосу омм моҳияти ин пададаӣ ҷаҳониро фаҳм ва идрок кунанд, ногузир муродифи дурусту воқеии онро ба забони худи миллат бояд дошта бошем. ***«Глобализация»*** муштак аз калимаи «глобальный»-и русӣ ва он дар навбати худ аз асли франсавии( global- всеобщий) мебошад, ки дар фарҳанги калимаҳои хориҷӣ *ба маънии падида ва ё раванди фарогирандаи тамоми қаламрави курраи замин ё -умумии ҳамаи олам тарҷума шудааст.* Дар **«Фарҳанги русӣ- форсӣ»** ба маънии қорайӣ, ҷаҳонӣ ва аз ҷумла ***оламгир*** ва ***ҷаҳоншумул*** низ омадааст.Аз ин рӯ мафҳуми «глобализация»-ро на «куллигароӣ» (-дар ин мафҳум маънии гаравидан ё гароидан нест), балки бо калимаи ***«чахонгир», «ҷаҳоншумулӣ» ё «оламшумулӣ»*** тарҷума кардан дуруст аст, чунки «глобализация» маънии дар худ фарогирифтан= шомил будан ба ҳама Кураи Замин ва ҳатто фузун аз он кайҳон ва оламро дорад на гароишро. Пас мафҳуми ***ҷаҳоншумул*** ва муродифҳои он ***оламшумул*** ва ***ҷаҳонгир*** дақиқтар ҳатто аз худи мафҳуми «глобализатция» ба маънии имрӯзааш мебошад. Чун ки ин падидаест, ки на танҳо масоили Кураи Заминро, балки ҷаҳон ва кайҳонро низ дар бар мегирад.

Хуб, ҳоло баргардем сари матлаб. Ҷаҳоншумул гардидани раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии тамаддуни имрӯзаи инсоният яке аз падидаҳои нодири охири асри XX ва ибтидои XXI мебошад. Он дар чи зоҳир мегадад? Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ҷаҳоншумулӣ ҳам ба ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам ба хусусияти тамаддуни садаи XXI тааллуқ дорад.

Дар асри нав ва дар дурнамои ҳазорсолаи сеюм маълум аст, ки ҳеҷ як миллате ва аксар аз он ҳатто минтақае наметавонад , чи аз ҷиҳати молиявию маблағгузорӣ, чи аз нигоҳи техникию технологӣ ва чи аз лиҳози барномарезиву тарроҳӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, таъмини маҳсулот ва маводи хом сад дар сад худкифо, новобаста ба иқтисоди ҷаҳонӣ бошад. Аз ин рӯ раванди ҷаҳоншумулиро мо ҳадди ақал дар соҳаҳои зерини ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон мушоҳида мекунем.

1. Ҳифзи табиат (экология), пешгирӣ ва наҷот аз ҳодисаҳо ва фоҷиаҳои табиӣ: зилзила, туфон, сӯхтори ҷангал;фоҷиаҳо ва тасодуфҳои баҳриву ҳавоию кайҳонӣ ва ғайраро, ки рӯз аз рӯз афзуда, хусусияти ҷаҳоншумулӣ-глобалӣ пайдо карда истодаанд.
2. Пайдоиши бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти технологӣ, молиявӣ, сармояи хориҷӣ ва вобаста ба он ба вуҷуд омадани ташкилотҳои бонуфӯзи ҷаҳонӣ: чун Созмони Ҷаҳонии Тиҷоратӣ (ВТО), Фонди

Байналмилалии Арз (МВФ) ва ғайра, ки ба қарору қарордодҳои онҳо ҳамаи кишварҳо итоат мекунанд; ҳамчунин ширкатҳо ва корпоратсияҳои байналмилалӣ, ки қудрати иқтисодиву молиашон ҳатто бештар аз баъзе кишварҳо мебошанд, ки ҳама баёнгари ҷаҳоншумул гардидани иқтисоди ҷаҳонӣ аст.

3. Дар соҳаи ҳифзи саломатию беҳдоштии инсон: мубориза ба муқобили касалиҳои охири асри XX- СПИД, саратон-рак, афюнзадагӣ (наркомания), таъмини оби нӯшокӣ, пешгирӣ аз гуруснагӣ, марги кӯдакон, танзими оила ва таваллуд.

4. Ҷаҳоншумулӣ ҳамчунин ҳамкорӣ дар таҳқиқот, маблағгузорӣ ва барномарезӣ, коркард дар соҳаҳои мухталифи илм: фатҳи кайҳон, истифодаи атум, ҳифзи қабати азонии курраи Замин ва ғайраро дар бар мегирад.

5. Дар ҳалли масоили сиёсию бехатарӣ: мубориза ба муқобили гуруҳҳои ҷиноии байналмилалӣ, ҳифзи сулҳу амонӣ, пешгирӣ аз ҷангҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, интиқоли маводи мухаддир ва мубориза бо он, таъмини халалнопазирии сарҳадҳои миллӣ, ҳалли ихтилофҳо аз тарқи сиёсӣ ва гуфту шуниди мусолиматомез.

6. Ба раванди оламшумулӣ пайвастани соҳаҳои фарҳангу тамаддунро метавон дар кӯшиши барқарор кардани муколама (диалог)-и фарҳангҳо ва тамаддунҳо дид. Маълум аст, ки хусусияти ҷаҳоншумул пайдо кардани сиёсатҳо, иқтисоду истеҳсолот, тиҷорат, илму технолоҷӣ ва ғ-ра ба фарҳангу маънавият, тарзи зиндагӣ ва ташаккули тамаддуни навини ҷаҳонӣ умуман ва ҳар миллат ва халқият хосатан бетаъсир нахоҳад буд. Дар ин робита аз ҳама <u>*муҳимтарин шохиси асосии асри 21*</u> ин хусусияти оламшумул пайдо кардани фарҳанги ахборист ё ташаккули тамаддуни типпи нав <u>*«тамаддуни ахборӣ»*</u> («информационная цивилизация») мебошад.Ин тамаддун, на тамаддуни минтақавӣ, балки воқеъан тамаддуни ҷаҳоншумул мегардад. <u>***Он тамоми маҳдудиятҳои асосии классикӣ - маконӣ, замонӣ, марзӣ, идеологӣ, сиёсӣ, миллӣ, мазҳабиро аз сари роҳи худ дорад бар медорад.***</u>

Алоқа ва равобитҳо аз тариқи интернет, алоқаҳои моҳворавӣ, телефонҳои мобил (сайёр ва сареъусайр), ТУ-ҳои байниқоравӣ ва ғайра тамоми сарҳадҳо, марзҳо ва монеаҳои хоси асри 20-ро аз байн хоҳанд бардошт.

Рушди маърифатӣ, фарҳангиву илмӣ, интелектуалии ҳар миллате дар асри 21 вобаста аз он хоҳад буд, ки то чи андоза ин миллат бо системаи интернет ва аз тариқи сайт додану гирифтани ахбор дастрасӣ дорад.

Ҳадди ақал раванди ҷаҳоншумулгардии рушди иҷтимоию фарҳангии инсониятро метавон бо ҳамин далоил собит кард.

Аммо дар мавриди масъалаҳои <u>*худшиносии миллии тоҷикон дар остонаи*</u> ин таҳаввулот ё <u>*гардиш,*</u> ба гуфти Карл Ясперс, <u>*«меҳварӣ»-и*</u>[1] <u>*тамаддуни умумиҷаҳонӣ*</u> чӣ метавон гуфт?Оё худшиносии мо метавонад ҳамзамон ва созгор бо раванди ҷаҳоншумулият бошад? Оё, баъд аз ба даст овардани истиқлолият, ба гуфти яке аз маъруфтарин идеологи наҳзати миллии зидди мустамликадории Алҷазоир Франтс Фанон,[2] даврони идеологияи миллатгароӣ ба сар намеояд? Оё мо бо идеологияи миллатгароӣ дер накардем?Баъд аз муфт (бидуни мубораза зери парчами идеологияи миллатгароӣ) ба даст овардани истиқлолият, худшиносии миллӣ, ба истилоҳи Ленин, он ҳам ҳангоми рӯй ба

ҷаҳоншумулият доштани тамаддуни ҷаҳонӣ, ***«як қадам ба пеш ду қадам ба ақаб» намешавад*** ?Ин саволҳои шаккокона ба гуфти ***Рене Декарт*** шарти зарурии ҳар як таҳқиқу баррасии фалсафии мавзӯ аст.Албатта ҷавоб ба ин саволҳо ва созгор сохтани раванди ҷаҳоншумулият бо миллатшумулият вобаста аз он аст, ки ҷаҳоншумул гардидани тамаддуни ҷаҳонӣ ба кадом самт хоҳад рафт. ***Агар раванди ҷаҳоншумулӣ бар асоси муколимаи мусолиматомези тамаддуну фарҳангҳо бошад, яъне:***

- *ба пояи адолати иҷтимоӣ, эҳтироми мутақобилаи ҳамаи халқу миллатҳо ва кишварҳои хурду бузарг, бидуни таҳмилу зургӯӣ, бо назардошти манфиати умумиинсоният бошад ;*
- *ба ҷилавгирӣ аз вайрон кардани ҳуқуқу озодии фардӣ, миллӣ ва шаҳрвандии инсон нигаронида шуда бошад;*
- *ба аз байн бурдан ихтилофи зиёд дар сатҳи маишат ва маданияти минтақаҳо, миллатҳо ва табақот нигаронида шуда бошад;*
- *омили осоиштагӣ, аз байн бурдани низоъҳо, ҷангҳо ва ихтилофҳои милливу мазҳабии мутаассиб, бунёди ҷомиаи таҳаммулгаро нигаронида шуда бошад, табиист, ки ба манфиати инсоният ва ҳар миллате хоҳад буд ва байни ҷаҳоншумулӣ ва миллият таззоде эҷод нахоҳад шуд.*

***Раванди оламшумулӣ агар омили:***

- *фишору зургӯии миллатҳои ғанӣ ва пуриқтидор ба миллатҳои заъиф, истисмори нерӯи инсонӣ ва горати сарватҳои табиии онҳо;*
- *ба назар нагирифтани манфиатҳои ҳамаи миллатҳо, кӯшиши ақабнигаҳдоштани миллатҳои Шарқ ва сӯъистифода ба манфиатҳои миллатҳои пешрафтаи Ғарб;*
- *нобаробарӣ ва номураттабии таъмини ҷои корӣ ва даромадҳо, афзудани нобаробарии сатҳи зиндагию маишати миллату халқҳо;*
- *кӯшиши аз байн бурдани ҳувияти миллии миллатҳо аз тариқи иттеъмори фарҳангӣ, ассимилякунӣ ва таҳмили арзишҳо ва фарҳангҳои бегона;*
- *поймол кардани шаъну шарафи як миллат дар қаламрави миллат ва давлати дигар;*
- *омили афзудани табъизоти миллӣ, мазҳабӣ, мафкуравӣ ва ғ-ра;*
- *омили афзудани хатар барои саломатӣ ва воруди касалиҳо ва фасодиҳои ахлоқӣ ва ғ-ра гардад;*
- *омили ба асорат ва вобастагии яктарафаи иқтисодиву моливу пулӣ ва аз байн рафтани иқтисоди миллӣ ва ба бозори фаровардаҳо ва молҳои кишварҳои қудратманд ва манбаи маводи хом табдил шудани кишварҳои кучак гардад, табиист, ки раванди ҷаҳоншумулият бар хилофи раванди худшиносии миллӣ ва манфиати миллат ва зиёновар аз нигоҳи миллият хоҳад буд.*

Чунон, ки аз ин ҳадди ақали баррасии ду паҳлӯи оқибати эҳтимолии раванди ҷаҳоншумулӣ маълум мегардад, қадам гузоштан ба тамаддуни ҷаҳоншумули қарни 21 аз ҳар миллат як микдор оянданигарӣ ва тадбиру барномарезии дақиқи илмию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоиро тақозо дорад.Алахусус ин чунин оянданигарӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки баъд аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ вазъи асафбори иқтисодӣ, фалаҷ гардидани истеҳсолот ва маънивиятро доранд ва аз раванди рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ чандин даҳсолаҳо ақиб партофта шудаанд, зарур аст. Чигуна метавон ба

раванди ҷаҳоншумулӣ бидуни талафоту хасороти зиёд пайваст? Чигуна метавон ин ҳама ақибмониро дар муддати кӯтоҳ аз байн бурд?

Ба ақидаи мо худи ҳамин дарки воқеъбинонаи раванди тамаддуни ҷаҳонӣ ва вазъи кунунии кишвар метавонад омили муҳими мафкуравӣ ва барангезандаи худшиносӣ ва нангу номуси миллӣ гардад. Ин чунин маънӣ дорад, ки худшиносии миллиро дар ойинаи тамаддуни муосир дар қиёс бо дигар субъектҳои таърих ба роҳ мондан лозим аст. Мо бояд аз ҷустуҷӯи *« Ман кона абӣ- падарам кӣ буд»*, *ба худам кӣ ҳастам гузарем. «Гириди номи падар чӣ мегардӣ, падари хеш шав агар мардӣ»* Мо бояд аз ҷусту ҷӯи дар гузашта дар муқоиса бо дигар халқу миллатҳо кӣ ва чӣ будем, ба ҷустуҷӯи имрӯз дар ин аср, дар муқоиса бо дигарон кӣ ва чӣ ҳастем, рӯй орем. Раванди ҷаҳоншумулии тамаддуни асри 21 зарурати аз дил ва аз азҳону афкор зидудан - поккардани миллатчигӣ ва миллатгароии маҳдуд ва яктарафаро мекунад.Ин маънии даст кашидан аз гузашта ва манофеъи миллиро надорад, балки кӯшиши имрӯз низ ба даст овардани ифтихори гузаштаро, сазовор будан ба онро дорад.Дар баробари ибрат гирифтан аз гузаштаи худ, чашм напӯшидан аз ибрати аҳли дунёи муттамаддини муосирро дорад.

**Дар Қуръон ҳикматест, ки мегуяд: «***Лимо тақулуна мо ло тафъалун. Чаро мегӯед ончиро, ки намекуне?» Ва илова мекунад: «Кабура мақтан*** ъиндаллоҳи ан тақулу мо ло тафъалун. - гарон хашмест назди худо, ки бигӯед он чиро, ки намекунед»** (Қ. Ас-Саффи - 61: 2-3). Мо ки аз гузаштаи шоёни худ, аз давлати Сомониён сухан мегӯем, чаро нахуст кореро ки барои зинда кардани тоҷикон онҳо кардан намекунем. Давраи тиллоии рушди илму фарҳанги мо ҳамон давра буд. Номдор шудани Сомониён низ вобаста ба рушди илму фарҳанг буд. Дар қарни XX ҳеҷ кишваре бе рушд бахшидан ба илму фарҳанг, таълиму тарбия ба пояҳои баланди тараққии иҷтимоию иқтисодӣ нарасидааст. Таъмини осоиштагӣ, адолати иҷтимоӣ ва бузургдошт- баланд бардоштани эътибору обрӯ, мақому манзалат, пешгирӣ аз беарзишшавӣ (девалватсия)- илму фарҳанг, таълиму тарбия, фарҳангиву муаллим, олиму адиб шарти асосии рушди ҷамъит мебошад. *Агар имрӯз мо хоҳем дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоме дошта бошем ҳамон равиши сомониён ва кишварҳои ҷаҳони имрӯзаро сармашқи кору фаъолияти худ бояд қарор диҳем. Мисли Япония, ки ҳатто дар вақтаи фикри сармоягузорӣ ба саҳаи низомиро, бо вуҷуди душманон ва мухолифони зиёд доштанаш ва кишвари бузург буданаш, ба канор гузошта, ҳама сармояи асосиро ба илму маориф равона кард ва бори дигар дурустии таҷрибаи давлатдории Сомониёнро исбот кард, мо низ ҳар чи зудтар ба фикру амали аз ҳолати қашшоқӣ берун овардани илму маорифу фарҳанг бояд афтем.*

Кист оне, ки фикр мекунад, бидуни эътибору обу рӯ бахшидан ба илму маърифу фарҳанг, бо ин вазъияту сатҳи таълиму тарбия ва илму фарҳанг, баъд аз он «боди самуме ки аз ин гулистон гузашт», мо тавонем ҳампои миллатҳои дигар дар тамаддуни ҷаҳоншумулӣ садаи нав қадам гузорем?

***Барои пайвастан ба раванди ҷаҳоншумул:***

- ***аввалан, бояд бидонем, ки мо кадом масъалаҳои ҷаҳоншумулро ба миён гузошта, ба ҳалли он мусоидат карда метавонем;***

- *сонтан, кадом равандҳои ҷаҳоншумули иқтисодию иҷтимоӣ, илмию технулужӣ метавонанд барои зудтар аз ҳолати бӯҳронӣ раҳоӣ додани ҷомиаи мо кӯмак кунанд;*

Хушбахтона, дар мавриди аввал метавон гуфт *бо ташаббус ва дурбинии ҷаноби Президенти ҷумҳурӣ И.Ш. Раҳмонов* дар доираи маҳфилҳои ҷаҳонӣ як қатор масъалаҳое, ки хусусияти оламшумулӣ доранд, чун:

- *масъалаи оби нӯшокӣ (к и худ чандин масъалии дигари оламшумул: омӯхтан сабаби гармшавии иқлими минтақа ва обшавии пиряхҳо, масъалаи пайдо кардани роҳҳои сарфаҷӯӣ ва тоза нигаҳдоштани обҳо, масълаи баҳри Арал ва г-раро дар бар мегирад);*
- *масълаи ҳалли ҷанги Афгонистон;*
- *масълаи мубориза бо маводи мухаддир ба миён гузошта шуданд, ки дастгирии васеи ҷаҳонӣ пайдо карданд.*

Аммо дар мавриди дуввум, яъне пайдо кардани равандҳои ҷаҳоншумули иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию технoложи барои берун омадан аз бӯҳрони иқтисодӣ, чи метавон гуфт?

Иқтисоди ҷаҳонӣ ба андозае пешрафт карда, ки дар соҳаҳои технулужии саноати вазнин ва мошинсозӣ, бо ин вазъияти кунунии мо, муваффақ шудан ба пешрафту навоварӣ ҳанӯз барвақт аст, вале дар ҷаҳон кишваре . ки саноати сабукаш комилан фалаҷ шуда бошад, он ҳам бо доштани маҳсулоти фаровон, кам пайдо мекунем. *Ҳакқ боз ба Президенти ҷумҳурӣ И.Ш. Раҳмонов аст вакто ки мегӯяд ободониро аз бунёди иқтисодиёти шаҳру кишвар ва ба кор андохтани истеҳсолоти он шурӯъ кардан лозим аст.*

Имрӯз мо бояд дар фикри ба роҳ андохтан ва таъмини технулужии он соҳаҳои истеҳсолот ва иқтисодиёт бошем, ки аввалан худкафоӣ, яъне аз вобастагии яктарафаи иқтисодӣ замонат диҳад; сониян, маҳсулоти истеҳсолкардаи мо қобили рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ бошад; солисан, имкони ба кор фаро гирифтани мардуми ҷумҳуриро дошта бошем. Ҳамин гуна соҳаи дараҷаи аввал, дар шароити оламшумулият чунон ки Ҷаноби Президенти ҷумҳурӣ мукаррар таъкид кардаанд, ривоҷи соҳаҳои нерӯи обу барқ аст. Гузашта аз ин дар ҷумҳурии мо ҳаддиақал дар муддати кӯтоҳ аз тариқи:

- *ба роҳ андохтани технологияи баланди коркарди матоҳои пахтагин, пашмин, шоҳӣ ва пӯстӣ аз огоз то марҳилаи охир, яъне бо ҷалби технологияи замонавии хориҷӣ коркарду истеҳсоли маҳсулоти номбурдаи табиӣ то маҳсулоти маргуби саноатии ниҳоӣ( ин соҳа бо назардошти ин, ки матоъҳои табиӣ дар бозорҳо гароннархи ҷаҳонӣ талаботи зиёд доран фоидаовар хоҳад буд);*
- *истеҳсол ва коркарди дараҷаи баланди саноатии меваҷот, ривоҷ додани технологияи бастабандӣ(упаковка) ва таблиги онҳо ( Ин соҳа низ чун маҳсулоти минтақаи мо аз лиҳози лаззат, тозагии экалогӣ назар ба дигар минтақаҳо афзалият дорад, метавонад харидори зиёд, ҳадди ақал дар доира давлатҳои СНГ пайдо кунад);*
- *истехсоли навъҳои баланди маҳсулоти аз табак истеҳсол шаванда;*
- *истихроҷу коркарди анвоъи гуногуни металҳои ранга(тилло, нуқра, сурма ва г-ра);*

- *истихроҷ ва коркарди сангҳои қимматбаҳо ва мармар;*
- *истихроҷ ва коркарди нафту гоз, ангиштсанг ҳадди ақал барои таъмини масрафи дохилӣ;*
- *ривоҷ додани анвоъи туризм, бунёди осоишгоҳҳо ва санаторияҳои табобатӣ;*
- *Б.. роҳ андохтани тамоми корхонаҷоти сабуки кишвар (корхонаҳои қаннодӣ, ордкашӣ, равганкашӣ, собунпазӣ, ширу равган, ҳасибарорӣ, обҳои балансифати тоза ва минералӣ ва г-ра);*
- *бо истифода аз фаровонии нерӯи корӣ, ҳамроҳ бо корхонаҷоти хориҷӣ, бунёди корхонаҳои хурди мунтожё насби ин ё он дастгоҳҳои электронӣ ва г-ра* метавонанд ҳадди ақал ба пешрафти сареъу тези иқтисодию истеҳсолии Ҷумҳурӣ ва расидан ба худкафоии мусоидат кунанд.

*Вале ин корҳо он вақт метавонанд амалӣ шаванд, ки ҳам соҳибкорону тоҷирони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ бо кафолати қонунию ҳуқуқӣ таъмин карда шаванд, инвеститсияи хориҷӣ бе ҳарос тавонад ба ин барномаҳо маблаггузорӣ кунад ва дар муқобили ришвахории коркунони дастгоҳи давлат, ки дар ҳоли ҳозир онро аз поён то ба боло фаро гирифтааст, дар муқобили бедодгарию роҳзании маъмурони расмӣ ва гайри расмии роҳ, гумрук, андоз ва бозор замонате дошта бошанд.* ***Ходимони дастгоҳи давлатии мо бояд пеш аз ҳама фарҳанги ҷаҳоншумули иқтисоди бозорию бозаргонироаз худ кунад.*** *Ришвахории давлатӣ имрӯз он андоза бераҳму шафқат аст, ки пашми гӯсфандро даравваби сармавии зимистон метарошад, чун ки ба фардои худ умед надорад. Вай на парвои тозасоҳибкори худӣ дорад, на парвои инвеститор- маблаггузори хориҷӣ ва то «ҳаққи худ- долияи худро) нагирад даст ба имзои қогазе намебарад.* ***То дигаргунӣ ва мубориза беамон дар ин соҳаҳо нашавад, бо ин вазъ барномаи аз қашшоқӣ баромадани ҷумҳуриро, ки Ҷаноби Президенти ҷумҳур ба миён гузоштаанд мушкил мешавад.***

Хуб ҳоло мавзӯи иқтисодро барои иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон во мегузорем, танҳо дар охир боз бори дигар таъкид карданием, ки чигунагии иқтисоду сиёсат аз чигунагии вазъи таълиму тарбия ва илму фарҳанг вобастааст ва баръакс.

Аммо дар мавриди чигунагии ***таносуби ҷаҳоншумулӣ ва миллият ё худшиносии миллӣ*** чанд мулоҳизае дорем.Пӯшида нест, ки натанҳо дар Шарқ балки дар худи Ғарб, низ чунон ки мебинем(ба ёд оред тазоҳуроти имсола ҳангоми вохӯрии сарони кишварҳо ҷаҳон дар шаҳрчаи Давос) мухолифони ҷаҳоншумулият зиёданд ва онҳо бар ин асос ҳам доранд. Албатта мо низ чашмбаста набояд дунболи шиорҳо ва нақшаҳои санҷиданашуда аз дидгоҳи манфиати миллӣ равем. Чигуна метавон манфиати миллӣ ва миллиятро бо ҷаҳоншумулият созгор сохт?

***Мо итминон дорам, ки раванди оламшумулии рушди инсониятро танҳо дар заминаи шинохти фалсафию диалектикаи тансуби ваҳдат ва касрат ё ваҳдат дар айни касрат метавон матраҳ ва фаҳм кард.*** Пайвастан ба ин раванд дар заминаи ин фалсафа ба анъанаи - ҳам динию мазҳабӣ ва ҳам фалсафию мафкуравии фарҳанги классикии мо мугоир нест.

Сархати мавзӯоти усулии ин фалсафа ҳадди ақал дар доираи худшиносии фарҳангии мо метавонад чунин бошад:

1. *худшиносӣ набояд мавриди ихтилоф бо оламшумулият бошад;*

2. *оламшумулиятро набояд ба маънии якрангию якқолаби (стериотипи)-и фарҳанги инсоният фаҳмид;*
3. *касрати шаклу ваҳдати мӯҳтавои фарҳангиро бояд ҳамчун асли зарурии фарҳанги оламшумули муосири инсоният қабул кард;*
4. *дар заминаи ин фалсафа аз хатари истеъмори фарҳангии давлатҳои абарқудрат, ки хатари онҳо воқеъияти раднопазир аст, бар ҳазар бояд буд;*
5. ***дар заминаи ин фалсафа худшиносии миллиро бояд бо ҷаҳоншумулии равиши тамаддуни инсонӣ созгор сохт;***
6. ***шинохти сарватҳои фарҳангиву маънавиимиллатроаз дидгоҳу ниёзҳои арзишиву маънавии раванди ҷаҳоншумулӣ ба роҳ монд;***
7. ***саъй бояд бар он кард, ки дарфарҳанги ҷаҳоншумули қариб 21 унсурҳои арзишӣ, маънавӣ ва хулоса чеҳраи миллии ин миллат низ бошад;***

Барои дастёбӣ ба ин аҳдофи воло дар доираи фарҳанги оламшумули инсоният лозим аст, ки:

***1. шуури милливу мазҳабии афроди миллатро аз поин то боло ислоҳ кард;***

***2. миллате, ки нияти соҳибмақом будан дар садсолаву ҳазорсолаи навро дорад, (бо каме такмили гуфтаи Аҳмади Дониш, ) бояд қобилияти ислоҳу таҷдид дар шуури худро тибқи муқтазои замон дошта бошад;***

***3. дар доираи муколимаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо, ки бо пешниҳоди Ҷаноби Раиси Ҷумҳури ЧИЭ Сайед Муҳаммади Ҳотамӣ Созмони Милал тасвиб намуда, яке аз муҳимтарин усули пайвастан бо фарҳангҳои дигар омӯхтани фарҳанги муколама ва пеш аз ҳама шунида, гӯш карда тавонистани дигарон аст.***

*Имрӯз агар мо масъалаи созгории худшиносии миллатро бо раванди ҷаҳоншумулият матраҳ мекунем, пеш аз ҳама бояд дар фикри бо тамаддуни имформатсионӣ мувофиқ кардани муассисоти фарҳангӣ: дабистонҳо, мактабҳо, донишкадаҳо, донишгоҳҳо, муассисоти илмӣ ва алалхусус ба ислоҳи соҳаи маъориф машғул шавем, чунки ҳаррӯза таъхир моро даҳсолаҳо аз пайвастан ва наздик шудан ба сатҳи фарҳанги имрӯзаи ҷаҳонӣ дур мекунад.Ғайр аз ин ислоҳи* ҷиддии рӯҳиву психологӣ дар соҳаи маориф ва таълиму тарбия лозим аст. Дар робита ба ин масъала дар шароити кунунӣ тавсия мешавад:

- ***ислоҳоти васеъи барномаҳои таълимӣ****, алалхусус дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ, гузарониҷан лозим аст, ки ҳадафи он омӯхтани роҳҳои фикру андешаи мустақил ва тафаккури мантиқию истидлолӣ доштан бошад. Мутаассифона яке аз аслпояҳои тафаккури илмию фалсафӣ илми* ***мантиқ ва фалсафаю диншиносии илмӣ*** *дар мактабҳои миёна омӯхта намешаванд. Ҳам чунин як қаторилмҳои зарурӣ чун:* ***ахлоқу одоби муошират, зебоишиносӣ, фарҳангшиносӣ*** *низ ҳанӯз дар мактабҳо ба таври бояду шояд роҳ наёфтаанд.*
- *пеш аз ҳама рӯҳияи таълиму тарбия, психологияи ҷавононро дар бораи хондан тағйир дода, азпсихологияи ҳуҷҷат – атестату диплумгирӣ ба сӯи илмгирӣ, донишгирӣ, ҳунару таҷриба касб кардан, коромӯзӣ равона кардан лозим,*
- *яке аз роҳҳои ба ин ҳадаф ноил шудан ва боло бардоштани обрӯи илму дониш муассисаву корхонаҳоро лозим аст, ки пеш аз ба кор қабул*

*кардани мутахассисин, тесту санчишу имтиҳон карданро ба расмият дароранд, то ҳар як «дипломдор» даъвии илму дониш доштанро накунад.*

Масъалаҳои пайвастин ба раванди ҷаҳоншумулӣ дар соҳаи фарҳаг хеле зиёданд, мо дар ин мақола иддаои ба миён гузоштани ҳамаи онҳоро надорем, илова ба он чи гуфта шуд, дар ин охирсухан танҳо ба як масъалае, ки воқеан ҷиҳати пайвастан ба раванди оламшумулӣ ба мо метавонад роҳ кушояд, таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб карданӣ ҳастем.

Чунон ки гуфтем инсоният ба сӯи оламшумул кардани муносибатҳо ва додугирифтҳо, истеҳсолот ва фарҳанг пеш меравад ва ***яке аз омилҳои пайвастан ба ин раванд доштани имкони хаттиву забонии муштарак мебошад.*** Дар ин раванд мо бояд аввалан, ба омӯхтани забони русӣ, англисӣ ва аз ҷумла забонҳои кишварҳои ҳамсоя: ҳиндӣ ва хитоӣ, ки ҳам аз нигоҳи ниёзҳои омӯзиши таърихи миллат ва ҳам ниёзу эҳтиёҷоти имрӯз зарур аст, машғул шавем. ***Дар баробари ин мо наметавонем аз як воситаи хеле арзон, осон, наздик ва зарурии шинохти фарҳангу тамддуни ҳазору чаҳорсадсолаи гузаштаамон ва яке аз шоҳроҳҳои баромадан ба доираи тамаддуни ҷаҳоншумул, ки хату забони арабӣ аст, даст кашем. Ин зарурат аз чи иборат аст:***

1- Бо хатту забони арабӣ қариб як севуми кишварҳои ҷаҳон менависанду мехонанд ва он барои тамоми корҳои даврони тамаддуни имфармационӣ мувофиқ карда шудааст ва бо он фарҳанги муштараки исломии мо фаровон нашр шуда ва нашр мешавад.

2- Мо, чунон ки гуфта шуд, фарҳанги ҳазору чаҳорсадсола бо ин хатту забон дорем, ки имкони ба хатти сирилик гузаронидани на танҳо ҳамаи он, балки, танҳо захираи садсолаи онро дар садсолаҳои наздик бо ин вазъи табъу нашр надорем. Имрӯзҳо дар як худи кишвари Эрон ҳарсола ҳазорҳо номгӯ китобу маҷаллаву рӯзномаҳо дар соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг, (аз илмҳои дақиқи классикӣ: физику риёзиёту тибб гирифта то илмҳои замонавӣ-электроник ва адабиёти компютерӣ) нашр мешавад.

Масалан, мувофиқи ахбори расмии то соли 1988, ки дастраси мо шуд, раванди афзоиши табъу нашр аз соли 1976 то соли 1988 дар Эрон ба наҳви зер буд:

| Сол | Номгӯй | Тирож |
|---|---|---|
| 1976 | 2777 | 6.485.275 |
| 1987 | 4810 | 35. 273.134 |
| 1988 | 4877 | 24.765.692 |

Маълум, ки дар зарфи 12-13 соли охир ин кишвар пешрафтҳои чандинкаратае дар ин соҳа кардааст.

Бо назардошти ин, мо мисли шахсе ҳастем, ки дар соҳили уқёнусе нишастаем, ки бе ҳеҷ харҷу хароҷот имкони шодоб шудан аз онро дорем, вале танҳо бо сабаби он ки кӯшиши омӯхтани хатти ниёгонро кардан намехоҳем, аз ин неъмати роёгон бе баҳра мондаем.

Дар робита бо донистани забони арабӣ низ чунин аст. Мо бо итминон мегӯем, ки бе донистани забони арабӣ, на танҳо олимоне, ки даъвии забоншиноси тоҷик, адабиётшиноси тоҷик, файласуфи соҳаи таърихи фалсафаи тоҷикро мекунад, олим нестанд, балки муаллимони ин соҳаҳо низ муаллими хуб нест. Чунки илму адаби гузаштаи мо бо

забони арабӣ, ки забони илмию мазҳабӣ буд, сахт пайванд аст. Асоситарин осори илмию фалсафӣ ва мазҳабии гузашта ба забони арабӣ навишта шудаанд ва агар мо худро меросхори Ибни Сино, Муҳаммад Ғазолӣ, Умари Хайём ва дигарон шуморем бояд имкони осори онҳоро ба забони асл хондану фаҳмидан, дошта бошем.

3 - Ниҳоят таълими ҳатмии *хатти ниёгон ҳадди ақал дар донишгоҳҳои гуманитарӣ моро* натанҳо ба дастёбӣ ба сарвати беинтиҳо ва бебаҳои гузашта худ, балки бевосита ба шинос шудан ба сарвати маънавию фарҳангии халқу миллатҳои ҳамзабон ва ҳамдину ҳамфарҳангроҳ мекушояд.

Дигар инки ҳатто сарвати фарҳангии то исломии зардуштӣ ва ғайри зардуштии муштараки мо бо ин хут он қадар зиёд, садҳо маротиба бештар табъу нашр шудааст. Гузашта аз ин дар ин кишварҳо пайваста тарҷумаҳо ва таҳқиқот ва пажӯҳишҳо оид ба дину фарҳанги тоисломии мардуми эронзабон дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллот нашр шудаанд ва мешаванд, ки мо бо доштани забони ягона ва танҳо бо сабаби надонистани хатт аз ин укёнуси нопаёдоканор бе баҳра нишастаем. Хуб агар забон ҳам дигар мебуд, мегуфтем хуб мушкил аст. Вале дар шароити тангдастӣ, надоштани имкони табъу нашри густарда, магар бад аст, ки ба ин ганҷина, танҳо бо ба дӯш гирифтани заҳмати омӯхтани хатти ниёгонӣ худ ва ҳам ба фарҳанги имрӯзи ин кишварҳо роҳ ёбем.

Ногуфта намонад, ки тарҷумаҳои осори адабӣ, фарҳангӣ, санъатию ҳунарӣ ва ҳам илмию фалсафии аз забонҳои дигари дунё низ бо ин хатту забон дар ин кишварҳо фаровон шуда ва мешаванд.Оё ин якс аз камхарҷтарин роҳи пайвастан ба раванди ҷаҳоншумулӣ дар соҳаи илму фарҳанг ва амиқгар кардани раванди худшиносии миллӣ нест?

Ахиран президенти Ҷумҳурӣ И.Ш. Раҳмонов дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар ба масъалаи табъу нашри китоб диққати ҷиддӣ дода, вазъияти мавҷударо хеле хуб баррасӣ кард.

Ин пешниҳодро мо бо омӯхтану муқоисаи вазъияти китобу китобчопкунӣ ва китобфурӯши дар кишварҳои дигар ва дар кишвари худамо мегӯем. Ин чанд соли охир мо дар чанд кишварҳои ҳамсояи собиқ шуравӣ ва ҳамчунин хориҷ аз он будаем. Вале дар ҳеҷ ҷо вазъи табъу нашри китобу китобхариву китобхонӣ ба андозаи кишвари мо нест. Масалан дар Рассия ин даҳсоли охир он андоза сатҳи таъбу нашр ҳам аз лиҳози камият ва ҳам аз лиҳози кайфият боло рафта, ки дар ягон давраи ҳокимияти шӯравӣ набуда ва ҳамаи собиқ мағозаҳои китоб доиранд ва боз ҳам китоб мефурӯшанд ва илова бар ин бозорҳои азими китобфурушӣ, намоишгоҳҳои доимии тиҷорати китоб амал мекунанд ва аз ҳама муҳим мардум китоб мехаранд. Баракс вазорати фарҳанги мо аз мағозаҳои китоб фақат агар нигоҳ дошта бошад, номашро нигоҳ доштааст. Ҳамчунин дар Эрон низ он андоза сатҳи таъбу нашр боло рафтааст, ки дар давраи шоҳ, ки мо онҷо будем, ба ин кайфияту микдор набуд.

Яке аз нишонаҳои пайвастан ба раванди ҷаҳоншумулӣ ин доштани дастрасӣ ба дастовардҳои илмию фарҳангӣ ва адабии кишварҳои дигар мебошад. Ҳанӯз соли 1976 дар Теҳрон ва дигар шаҳрҳои Эрон чандин мағозаҳои китобҳои дар Ғарб ба забонҳои ғарбӣ: англисиву олмониву фаронса ва ғ.-ра чоп шуда кор ва амал мекарданд. Соли гузашта дар

Машҳад боз ҳам дидем, ки чунин мағозаҳо амал мекунанд. Хуб мешуд, ки ин таҷрибаро бо ин деҳ ҳам ки шуда, қабул кунем ва даст ба кушодани чунин мағозаҳо занем. Ҳамчунин шабакаи мағозаҳои кутуби нашри Эронро дар ҳамаи шаҳрҳои кишвар боз ва миқдори онҳоро афзоиш диҳем.Мо итминон дорем, ки сафирони ин кишварҳо, масъулони равобити фарҳангии онҳо дар ин амри хайр аз ёрӣ ба мо рӯ нахоҳанд тофт.

Мо бояд роҳҳои ҳарчи бештар ба ин кишварҳо ва кишварҳои ғарбӣ фиристонидани донишҷӯён, аспирантҳо ва барқарории робитаҳои илмиро ҷусту ҷӯ кунем.

Дар кори таълиму тарбия истифода аз ёрии кишварҳои дигар низ набояд яктарафа бошад. Аз имконот ва таҷрибаи кишварҳои ҳамзабону ҳам фарҳанг рӯй гардондан, дар марҳалаи кунунӣ, ба манфиати мо нест. Тааҷҷубовар аст, ки дар ҷумҳуриҳои туркзабони Осиё Марказӣ кишвари Эрон чандин донишгоҳҳову литсейҳо кушодааст, баръакс дар ҷумҳурии мо дӯстони туркиягӣ чунин ифтихорро доранд ва маълум нест, ки бо кадом сабаб ҳамзабонҳоямон чунин имконият дар Тоҷикистон надоранд?

Хулоса пайвастан ба раванди ҷаҳонишумулият ҳамзамон бо ҳифзи манофеъи миллӣ ва миллият бояд аз баромадан ба мадорҳои фарҳангиву забониву таърихии наздик ва ошно шуруъ ва ба тадриҷ, марҳала ба марҳала ба мадорҳои густардатару дуртар густариш ва тавсиъа ёбад. Риоя намудани ин асл ҳам дар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам дар муносибатҳои фарҳангӣ ягона равиши манфиатнок хоҳад буд.

---

[1] Карл Ясперс. Смысл и назначение истории. Пер. С нем - М.: Политиздат, 1991. - С. 76.
[2] А.В. Гордон. Проблема национально-освободительной борьбы в тиворчестве Франца Фанона. - М.: Наука, 1977. -С. 37.